ҶАҲОНРО БА ДОНИШ ТАВОН ЁФТАН!

# ИҚТИСОД ВА ТИҶОРАТ

№ 09 (183)
30 ноябри соли 2022

Нашрияи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

# ЧОРАБИНИИ ТАНТАНАВӢ БА ИФТИХОРИ 30-ЮМИН СОЛГАРДИ ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




***16 ноябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд дар чорабинии тантанавӣ ва ҷамъомади идона ба ифтихори ҷашни 30-юмин солгарди Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ карданд.***

Дар чорабинии бошукуҳ, ки дар макони баргузории иҷлосияи таърихӣ - Қасри Арбоби ба номи Саидхуҷа Урунхоҷаев доир гардид, собиқ вакилони Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Ҳукумати кишвар, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолони вилоят ва дигар меҳмонони ҷашнвора иштирок намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи иштирокчиён ва кулли мардуми кишварро бо солгарди иҷлосияи тақдирсозу таърихӣ, ки нуқтаи оғози барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, бунёди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва ноил гардидан ба дастовардҳои имрӯзаи мардум мебошад, табрику таҳният гуфтанд.

Ёдовар мешавем, ки аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар Қасри маданияти ба номи Саидхуҷа Урунхуҷаеви вилояти Суғд Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид ва ҳамон вақт вакилон бо як овоз Эмомалӣ Раҳмон сиёсатмадори оқилу хирадманд ва саодатпешаро Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сарвари давлати тоҷикон интихоб карданд.

Аз рӯзҳои нахустин, ҷонибдорӣ аз сиёсати пешгирифтаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нишонаи садоқат ва меҳру муҳаббати бепоёни халқи тоҷик ба ин фарзанди фарзонаи миллат мебошад.

Сарвари хирадманду саодатпеша муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба аҳдаш вафо кардаву ба мардум сулҳ овард, дар ин рӯзи пур аз нишот бори дигар аз талошҳои созандаву бобарори роҳбарияти давлату ҳукумат ва мардуми шарафманди кишвар баҳри ба як кишвари воҳид табдил додани Тоҷикистон андешаронӣ карданд.

Таъкид гардид, ки раванди давлатсозии тоҷикон маҳз аз ҳамин иҷлосия оғоз гардид ва аз ин лиҳоз, 30-солагии ин рӯйдоди тақдирсоз барои мардуми шарифи Тоҷикистон ҷашни дар ҳақиқат бузург ва таърихӣ ба ҳисоб меравад. Пас аз расидан ба истиқлолу озодӣ миллати тоҷик ба ҷойи он, ки баъди ҳазор соли бедавлатӣ ба эъмори як давлати муосири миллии худ оғоз намояд, ба гирдоби мухолифатҳои сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки чунин вазъият талаб мекард, ки барои гирифтани пеши роҳи хунрезӣ, барқарор кардани сохти конститутсионӣ, таъмин намудани волоияти қонун дар ҷомеа ва сулҳу оромӣ дар мамлакат иҷлосияи Шӯрои Олӣ даъват карда шавад, зеро хатари аз байн рафтани давлати тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба воқеияти даҳшатноки рӯз табдил ёфта буд.

Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ 16-уми ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ даъват гардид, ки ин иқдом дар он рӯзҳо нишонаи ҷасорати бузурги вакилони халқ ба ҳисоб мерафт.

Иҷлосия бо рӯзномаи иборат аз 23 масъала ба кори худ идома бахшид.

Интихоби раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати нави Раёсати Шӯрои Олӣ, Ҳукумати нав, тасдиқи рамзҳои давлатӣ, баргардонидани гурезаҳо ва ба эътидол овардани вазъияти ҷамъиятиву сиёсӣ дар мамлакат аз ҷумлаи масъалаҳои пешниҳодшуда буданд, ки барои қатъи ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор кардани ҳокимияти конститутсионӣ, ба ҷойҳои зисташон баргардонидани гурезаҳо ва ба даст овардани сулҳу оромӣ хеле муҳим ба шумор мерафтанд.

Баъди интихоб шудан ба вазифаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қатъият изҳор намуда буданд, ки ҷонибдори бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ҳастанд. Барқарор кардани сулҳу осоиш дар ҳар як хонадон, ба Ватан баргардонидани тамоми гурезаҳо ва қатъи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ аз вазифаи аввалиндараҷаи Роҳбари тозаинтихоби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Вакилони иҷлосия низ ин ташаббусҳои Сарвари давлатро якдилона ҷонибдорӣ намуда, бо дарназардошти вазъи ҳассоси кишвар ва ормону хостаҳои мардум, инчунин, ба хотири ҳифзи якпорчагии Ватан ва сарҷамъии миллат, дар раванди иҷлосия ба таври бесобиқа фаъол ва муттаҳид буданд.

Ба эътидол овардани вазъи ҷамъиятиву сиёсӣ ва расидан ба сулҳ яке аз масъалаҳои асосии иҷлосия буд.

Бо ин мақсад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Тоҷикистон эълон намудани 26-уми ноябри соли 1992" қабул шуд ва раванди барқарорсозии сулҳ дар мамлакат оғоз гардид.

Яъне қадами нахустин дар роҳи барқарорсозии сулҳ дар ҳамин иҷлосия гузошта шуд ва тавре ки ҳамватанони мо хуб дар хотир доранд, баъди музокироти бисёр мушкили беш аз чилмоҳа 27-уми июни соли 1997 бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба анҷом расид.

Яке аз дастовардҳои муҳимтарине, ки Ҳукумати навинтихобшуда ба он ноил гардид, дар муддати начандон тӯлонӣ аз Давлати Исломии Афғонистон ва дигар кишварҳо ба



Ватан баргардонидани беш аз як миллион нафар гурезаҳои иҷборӣ, яъне ҳамватанонамон буд, ки аз тарси ҷон хонаву маҳалли зисти худро тарк карда буданд.

Қабули Парчами давлатӣ ҳамчун рамзи давлати мустақили Тоҷикистон, нишонаи соҳибихтиёрӣ, ягонагӣ ва ифтихори мардуми кишвар дигар иқдоми муҳимми иҷлосияи таърихӣ буд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар зарфи чанд рӯзи баргузории он, ки барои мардуми мо воқеан рӯзҳои сарнавиштсоз буд. Бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд ва баҳсу мухолифатҳои шадид қарорҳое қабул гардид, ки ҷавобгӯи талабу хостаҳои мардум ва баёнгари иродаи матини фарзандони ватандӯсти халқи Тоҷикистон буданд.

Таъкид гардид, ки вакилони мардумӣ - он рӯзҳо масъулияти таърихӣ, қарзи фарзандӣ, вазифаи ҷавонмардӣ ва рисолати имонии худро нисбат ба сарнавишти кишвари тозаистиқлоламон, халқи Тоҷикистон ва наслҳои имрӯзаву ояндаи мардумамон иҷро кардем.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки бо гузашти сӣ сол аз қабули ин ҳуҷҷатҳо бо қаноатмандиву ифтихор метавонем гӯем, ки ин ягона роҳи оқилона ва дурусте буд, ки мо – вакилони халқ – онро ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ, тамомияти арзӣ, сарҷамъии миллат, ваҳдату ягонагӣ ва пешрафту тараққиёти ояндаи Ватанамон интихоб намудем.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ изҳор доштанд, ки ба шарофати Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро қатъ намудем, давлатро аз нобудӣ ва миллатро аз парокандагӣ раҳо бахшидем, сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллиро барқарор кардем, асосҳои сохти давлатдории муосир – давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро гузоштем ва рушди устувори иқтисодиро таъмин кардем.

Дар зарфи 30 соли гузашта мардуми шарифи Тоҷикистон, вакилони халқ, аъзои Ҳукумати мамлакат, роҳбарону кормандони сохтору мақомоти давлатӣ, умуман хизматчиёни давлатӣ ва албатта, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ барои ҳимояи истиқлолу озодӣ, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, рушди давлат ва ободии Ватан содиқона хизмат карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон халқи сарбаланди Тоҷикистонро қаҳрамони сулҳ, созандагӣ, ободӣ ва пешрафти Ватан арзёбӣ карда, таъкид намуданд, ки агар тайи сӣ сол хурду бузурги мардуми Тоҷикистон сиёсати пешгирифтаи моро дастгирӣ намекарданд, мо ба сулҳу оромӣ ва пешрафту тараққиёт, яъне ба ин рӯзҳои нек намерасидем.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин оид ба солҳои нахустини давлатсозию давлатдорӣ, ба кишвари воҳид мубаддал сохтани Тоҷикистон, қабули барномаву стратегияҳои давлатӣ, ҷорӣ кардани ислоҳоти соҳаҳо, ба роҳ мондани робитаҳои дипломатӣ бо кишварҳои олам, муносибати судманд бо ташкилоту созмонҳо ва ниҳодҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, интихоби сиёсати дарҳои кушода дар сиёсати хориҷии Ҳукумат, талошҳову ташаббусҳои созанда ва тадбирҳои беҳдошти сатҳи зиндагии мардум, андешаронӣ карданд.

Дар охир Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон орзу карданд, ки дар Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу осоиш ва ваҳдату ягонагӣ пойдору ҷовидон бошад, ҳар як фарди ватандӯсту ватанпараст ва бонангу номуси миллати озоду соҳибихтиёри мо бо заҳмати содиқонаву софдилона аркони давлату давлатдории мустақиламонро устувор гардонида, барои ояндаи ободу осудаи сарзамини куҳанбунёдамон саъю талоши бештар намояд.

Баъди анҷоми чорабинии тантанавӣ ва барномаи рангини фарҳангӣ намоиши бошукӯҳи мушакпаронии идона ба ифтихори 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.

***www.President.tj***

*Гар дилат соф аст, аз макрӯҳии дунё чӣ бок,*
*Қубҳи шахс оинаро бадном натвонист кард.*




# ЭҲЁИ ХУДШИНОСӢ ВА ЭЪМОРИ ДАВЛАТДОРӢ!

***Бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30-солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ таҳти унвони «Эмомалӣ Раҳмон: эҳёи худшиносӣ ва эъмори давлатдорӣ» конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ баргузор гардид.***

Конференсияро директори донишкада н.и.и., дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. ифтитоҳ намуда, ҳайати меҳмонон ва маърузакунандагонро ба иштирокчиён муаррифӣ намуд. Конференсия бо иштироки ҳайати васеи меҳмонон, профессорону устодон ва донишҷӯёни донишкада баргузор карда шуда, дар кори он директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.ф., профессор, Усмонзода Х.У., мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси вилояти Суғд, д.и.ф., профессор, Султонзода Т.С. иштирок ва маърузаҳои пурмуҳтавои илмӣ намуданд.

Ҳамзамон, тибқи барномаи конференсия дотсенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, д.и.ф., Пиров А.К., дотсенти кафедраи археология, этнография ва диншиносии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров н.и.т., Ҷӯраев М.С., муовини декан оид ба илми факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дабирҷони Маҳмад, муовини директори ДИС ДДТТ оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ, н.и.и., дотсент Мирпочоев Д. ва профессори кафедраи ҷомеашиносии ДИС ДДТТ, н.и.ф., Мирбобоев М.Қ. дар мавзуъҳои мухталиф, вобаста ба саҳми беназири Пешвои миллат дар бунёди давлатдории навини тоҷикон, таъмини рушди босуботи иқтисодиёт ва саноати миллӣ, дастгирии сиёсати давлатии ҷавонон ва рушди ҳамаҷонибаи онҳо, муаррифии китоби тозанашри муаллифон Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. ва Солиҷонов Р. «Пешвои миллат ва худшиносии миллӣ» маърузаҳои пурмазмуни илмӣ намуданд.

Конференсияи мазкур дар фазои озод, илмӣ ва ҳусни тафоҳум баргузор гардида, бо натиҷабардорӣ аз баррасии маърузаҳои пурмуҳтавои илмӣ ва дар фарҷом, сурудани суруди дилнишин дар васфи Пешвои муаззами миллат аз ҷониби донишҷӯён, ба кори худ ҳусни анҷом бахшид.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА,***
***Каёнуш КАЛОНЗОДА***

# ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ РАМЗИ МУҲИМИ ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ АСТ!



***Санаи 22-юми ноябр бо ташаббуси кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети тиҷорат, фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи ДИС ДДТТ дар бинои чоруми донишкада бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии илмӣ-адабӣ ва фарҳангӣ баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ директори Донишкада н.и.и., дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ., Раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Хуҷанд Бахтиёр Исматҷонов, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ д.и.и., Азимов А., муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонон н.и.ф., дотсент Аҳророва Г.У., декани факултети тиҷорат, фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқ н.и.и., дотсент Ҷалолов Н. ва дигарон иштирок намуданд.

Нахуст, иштирокчиёни чорабинӣ аз раванди таълим дар гурӯҳҳои академии факултет дидан намуда, ба сатҳу сифати дарсҳо ва шароити таҳсилу таълим баҳои мусбат доданд. Сипас, директори донишкада н.и.и., дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. чорабиниро ифтитоҳ намуда, оид ба аҳамияти қабули Парчами давлатӣ, ҳамчун рамзи муҳими Истиқлоли миллӣ андешаҳояшро иброз намуд.

Раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Хуҷанд Бахтиёр Исматҷонов суханронӣ намуда, вобаста ба қадру манзалат ва мақоми Парчами давлатӣ дар байни ҷомеаи кишвар андешаҳои ҷолиб иброз намуд.

Асистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг Саидкамолова Ш.Э., дар мавзуи «Парчами давлатии Тоҷикистон - нишони хиради волои миллат» ва донишҷӯи курси чоруми ихтисоси идораи давлатӣ Машарипов Ҷ. дар мавзуи «Парчами Тоҷикистон - рамзи Ваҳдат ва ягонагии миллат» маърузаҳои пурмуҳтавои илмӣ карда, вобаста ба мазмуну муҳтаво ва аҳамияти бисёрҷабҳаи Парчами давлатӣ маълумоти муфассал ироа намуданд.

Дар фарҷоми чорабинӣ аз ҷониби донишҷӯёни факултет дар васфи Парчами давлатӣ, Ватан, Пешвои муаззами миллат ва гиромидошти арзишу муқаддасоти миллӣ шеъру сурудҳои дилнишин қироат ва сароида шуд.







# ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ЭҲЁИ ДАВЛАТИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

***Таҳти ҳамин унвон бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси кафедраи ҷомеашиносии факултети молия ва баҳисобгирии бухгалтерии ДИС ДДТТ дар толори маҷлисгоҳи донишкада мизи мудаввар баргузор гардид.***

Мизи мудаввар ба мавзуи муҳим: «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳёи давлати миллии тоҷикон» бахшида шуда, онро доктори илмҳои фалсафа, профессор Солиҷонов Р. ифтитоҳ намуд. Мавсуф оид ба аҳамияти тақдирсози Иҷлосияи XVI, нақши он дар таҳкими давлатдории навини тоҷикон ва аҳамияти таърихии нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими суботу осоиштагии ҷомеа андешаҳои судманд иброз намуд.

Сипас, мудири кафедраи ҷомеашиносӣ, н.и.ф., дотсент Ҷонназарова Д. дар мавзуи «Вклад Основателя мира и национального единства-Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в установлении мира и национального единства в Республике Таджикистан» маърузаи пурмуҳтавои илмӣ намуд.

Муаллими калони кафедраи ҷомеашиносӣ Ҳошимов Ф.Ҷ. дар мавзуи «Нақши Пешвои миллат дар таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ» маърузаи илмӣ намуда, вобаста ба нақши Пешвои миллат дар таҳкими суботи миллию минтақавӣ андешаҳои ҷолиб баён дошт.

Баъдан, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 24.01.03.02-танзими ҳуқуқии молия ва қарз Мунавваров С. маъруза намуда, вобаста ба аҳамияти таърихии Иҷлосия XVI ва нақши он дар рушди ҷавонон, алалхусус ҳидоятҳои падаронаи Пешвои миллат ба насли ҷавон вобаста ба ҳифз ва гиромидошти арзишҳои миллӣ андешаронӣ кард.

Декани факултети молия ва баҳисобгирии бухгалтерӣ н.и.и, дотсент Ҳакимзода М. дар фарҷом суханронӣ намуда, аз нақши сазовор ва ҳалкунандаи Пешвои миллат дар таҳкими давлатдорӣ ва ба танзимдарории тамоми низоми ҷомеа ибрози андеша намуд.

Ҳамин тариқ, мизи мудаввар дар фазои озоди илмӣ ва мубоҳисавӣ ҷараён гирифта, ба кори худ анҷом бахшид.

***Хабарнигори “ИТ”***

# ИҶЛОСИЯИ ТАЪРИХИИ ТАҚДИРСОЗИ XVI ШӮРОИ ОЛӢ ВА САРНАВИШТИ ТОҶИКИСТОН




***Бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони факултети иқтисодиёт ва технологияҳои инноватсионии ДИС ДДТТ таҳти унвони «Иҷлосияи таърихии тақдирсоз ва сарнавишти Тоҷикистон» мизи мудаввар баргузор гардид.***

Мизи мудавварo мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон н.и.и., дотсент Муҳитдинова Ш.С. ифтитоҳ карда, аҳли нишастро бо барномаи он шинос намуд.

Баъдан, баромади муовини директор оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ н.и.и., дотсент Мирпочоев Д. шунида шуд. Дар мизи мудаввар корманди шуъбаи илм ва инноватсия Файзулло Мамадҷонов дар мавзуи «Аҳамияти таърихии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», муаллимаи калони кафедра Шаҳноза Шораҷабова дар мавзуи «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва мактаби давлатсозии Пешвои миллат», муаллими калони кафедра Ғайбуллоев К.Қ. дар мавзуи «Нақши Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ» ва донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 25010300 Авзалова М. дар мавзуи «Иҷлосияи тақдирсоз» (бо забони англисӣ) маърузаҳои пурмуҳтавои илмӣ намуданд.

Ҳамчунин дар мизи мудаввар мудири бахши кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Хуҷанд Абдувосит Ғафуров иштирок ва суханронӣ намуда, аҳли нишастро бо фарорасии ҷашни 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шодбош гуфт ва ба иштирокчиён туҳфаҳои хотиравӣ супорид. Дар фарҷом аз ҷониби донишҷӯён дар васфи Ватан ва Иҷлосияи XVI шеърҳои пурмазмун қироат гардид.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА***

# КОНСТИТУТСИЯ – ҚУТБНАМОИ МИЛЛАТ!

***Санаи 4-уми ноябр бахшида ба гиромидошти 28-умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ДИС ДДТТ таҳти унвони «Конститутсия-қутбнамои миллат» конференсияи илмӣ-амалӣ баргузор гардид.***

Конференсияро директори донишкада н.и.и., дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. ифтитоҳ намуда, вобаста ба мазмуну муҳтаво ва арзишу аҳамияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳои пурмазмун баён дошт. Қайд гардид, ки Конститутсия санади асосии давлатдорӣ, мазмуну муҳтавои низому суботи ҷомеа ва қутбнамои миллат маҳсуб гардида, барои шукуфоиву равнақи халқ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Сипас, муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносӣ Акилов Ф.И. дар мавзуи «Таҷассуми ғояҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми ҳуқуқии кишвар» маърузаи пурмуҳтавои илмӣ намуд.

Байни донишҷӯён озмуни «Донандаи беҳтарини Конститутсия» баргузор карда шуд, ки дар он донишҷӯён бо таъсиси се даста: «Пайравони Пешвои миллат», «Ваҳдат» ва «Тоҷикон» фаъолона иштирок намуданд.

Дар фарҷоми конференсия ба иштирокчиён ва донишҷӯёни фаъол диплому сипосномаҳо тақдим карда шуда, аз ҷониби донишҷӯён барномаи фарҳангӣ, ки иборат аз сурудани шеъру сурудҳои дилнишин дар васфи Ватан ва Конститутсия буданд, намоиш дода шуд. Конференсия дар фазои озод, илмиву адабӣ ва ҳусни тафоҳум ҷараён гирифта, ба кори худ анҷом бахшид.

***Каёнуш Калонзода***




# ОСНОВА ПОЛИТИЧЕСКОЙ, ПРАВОВОЙ И ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СИСТЕМ ГОСУДАРСТВА

***Как нам всем известно конституция исходит от латинского языка и означает «устройство, установление, сложение, которое является основным законом государства, особым нормативным правовым актом, имеющим высшую юридическую силу.***

Конституция определяет основы политической, правовой и экономической систем государства. Конституция - учредительный документ государства, в котором изложены основные цели создания государства. В подавляющем большинстве стран Конституция принимается учредительным собранием либо путём референдума. Конституции дается такое юридическое обозначение: нормативный правовой акт высшей юридической силы государства или государственно-территориального содружества в межгосударственных объединениях, закрепляющий основы политической, экономической и правовой систем данного государства или содружества, основы правового статуса государства и личности, их права и обязанности. Конституция в материальном смысле -совокупность правовых норм, определяющих высшие органы государства, порядок их формирования и функционирования, их взаимные отношения и компетенцию, а также принципиальное положение индивида по отношению к государственной власти. Теория общественного договора определяет Конституцию как договор между населением и государством, где определяется порядок формирования государства и взаимоотношение сторон. В праве различают юридическое и фактическое понятие конституции. Юридическая конституция это системы правовых норм, которые регулируют определённый круг общественных отношений. Фактическую конституцию составляют реально существующие отношения.

Конституции составляются и принимаются во – первых, чрезвычайно-созываемым парламентом, учредительным собранием, сюда можно отнести Конституцию Франции, Конституцию Италии Конституция Чехословакии Конституция Югославии, во- вторых, регулярным парламентом к которому можно отнести например, Конституцию Дании, Конституция РСФСР Конституция ГДР , в-третьих, может составляться временным парламентом к которому можно отнести конституцию Чехословакии конституцию ФРГ, в-четвертых, может составляться народом, минуя выборные органы , сюда можно отнести Конституцию Франции, конституция России, в-пятых, может составляться главой государства примерами могут служить конституция Германии принятая в 1871 году, конституция Франции, принятая в 1814 году, Основные Законы Российской Империи, которые были приняты в 1906 году.

Также в конституции обычно устанавливается порядок принятия поправок и дополнений. По порядку принятия поправок и дополнений выделяют гибкие, жёсткие и комбинированные конституции.

Следует отметить, что Конституция имеет несколько отличий от других законодательных актов. Во-первых, имеет учредительный характер, в котором закрепляется государственный строй, основные обязанности и права, свободы, определяет форму государства и систему высших органов государственной власти, во-вторых, обладает высшей юридической силой, то есть действие конституции распространяется на всей территории государства. Все законы и иные правовые акты государственных органов издаются на основе конституции и в соответствии с ней, в третьих, отличается относительной стабильностью, в-четвертых, является базой для текущего законодательства , в пятых, отличается особым порядком принятия и изменения, в-шестых, является нормативным актом прямого действия, где конституционные нормы действуют без утверждения какими-либо органами государственной власти или должностными лицами, в-седьмых, обладает верховенством на всей территории государства.

Первой конституцией в современном смысле этого понятия, -то есть документ, описывающий и устанавливающий разделение властей и компетенцию каждой из них, является Конституция США, принятая 17 сентября 1787 года, ратифицированная штатом Делавэр 7 декабря 1787 года. К первым писаным конституциям на Европейском континенте также относят Конституцию Речи Посполитой, принятая 3 мая 1791 года и Конституцию Франции, принятую 3 сентября 1791 года. Обе конституции просуществовали недолго, в Речи Посполитой - из-за окончательного раздела страны, во Франции из-за развития революционных событий.

В России первая попытка создать сословную конституцию, ограничивающую самодержавную власть посредством представительного органа и дающую дворянству сословные права, была предпринята в 1730 году в движении, возбуждённом верховниками. Позже ряд конституционных функций должно было выполнять планировавшееся Уложение, для разработки которого Екатерина II созвала Уложенную комиссию.

Как всем известно, в нашей республика День Конституции является одним из главных национальных праздников Республики Таджикистан. Эта дата отмечается в Таджикистане ежегодно 6 ноября. Ровно тридцать лет назад на нашей древней земле произошло событие, которое ознаменовало серьезный поворот в исторической судьбе таджикского народа и всех таджикистанцев. 9 сентября 1991 года на сессии Шурои Оли Республики Таджикистан -Верховного Совета РТ было принято Постановление и Заявление «О государственной независимости Республики Таджикистан». Народ Таджикистана впервые заявил об этом своем выборе в ноябре 1992 года на исторической 16-й сессии Верховного Совета. Затем эти нормы были зафиксированы в Конституции Республики Таджикистан, принятой на всенародном референдуме в ноябре 1994 года. В последующие годы в 1999 году и в 2003 году в Конституцию Республики Таджикистан были внесены поправки и дополнения.

По Закону Республики Таджикистан «О праздничных днях» 6 ноября таджикский народ широко отмечает национальный праздник - День Конституции Республики Таджикистан, и этот день в нашей стране является праздничным нерабочим днём. В этот день в соответствии с Положением «О государственном флаге Республики Таджикистан» поднимается Государственный флаг Республики Таджикистан. По случаю «Дня Конституции Республики Таджикистан» по инициативе государственных органов, общественных организаций и трудовых коллективов проводятся мероприятия общественно - политического характера.

Исходя из всего сказанного, можно отметить, что конституция – это основной закон общества и государства, который устанавливает основополагающие цели и принципы их развития, основы организации экономики, социальной и духовной жизни, функционирования государственного механизма. Поэтому каждый человек должен воспринимать День Конституции как знаменательное событие в жизни государства. Действующая Конституция оказывает огромное влияние на жизнь каждого человека, поскольку она закрепляет систему его прав и обязанностей, гарантий их реализации.

***Раупова К.О.,***
***старший преподаватель кафедры таджикского и русского языков***

***КОНСТИТУЦИЯ Республики Таджикистан была принята всенародным референдумом 6 ноября 1994 года, изменения и дополнения внесены 26 сентября 1999 года и 22 июня 2003 года путём референдума.***

Мы, народ Таджикистана, являясь неотъемлемой частью мирового сообщества, сознавая свой долг и свою ответственность перед прошлым, настоящим и будущими поколениями, признавая незыблемыми свободу и права человека, уважая равноправие и дружбу всех наций и народностей, принимаем и провозглашаем настоящую конституцию Республика Таджикистан - суверенное, демократическое, правовое, светское и унитарное государство. Таджикистан, являясь социальным государством, создаёт условия, обеспечивающие достойную жизнь и свободное развитие каждого человека.

ликования.

Таджикистан, проводя миролюбивую политику, уважает суверенитет и независимость других государств, определяет свою внешнюю политику на основе международных норм. Пропаганда войны запрещается. Таджикистан, руководствуясь высшими интересами народа, может входить в содружества и другие международные организации, а также выходить из них, устанавливать связи с зарубежными странами. Государство сотрудничает с зарубежными соотечественниками.

Основу экономики Таджикистана составляют различные формы собственности. Государство гарантирует свободу экономической и предпринимательской деятельности, равноправие и правовую защиту всех форм собственности, в том числе частной.

Земля, ее недра, вода, воздушное пространство, животный и растительный мир и

# КОНСТИТУЦИЯ – ПУТЕВОДИТЕЛЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Государственным языком Таджикистана является таджикский язык. Русский язык является языком межнационального общения. Все нации и народности, проживающие на территории республики, вправе свободно пользоваться своим родным языком. Государственными символами Таджикистана являются Флаг, Герб и Гимн. Столица Таджикистана - город Душанбе. Человек, его права и свободы являются высшей ценностью. Жизнь, честь, достоинство и другие естественные права человека неприкосновенны. Права и свободы человека и гражданина признаются, соблюдаются и защищаются государством. В Таджикистане народ является носителем суверенитета и единственным источником государственной власти, которую осуществляет непосредственно или через своих представителей. Высшим непосредственным выражением власти народа являются общенародный референдум и выборы.

Народ Таджикистана составляют граждане Таджикистана, независимо от национальности. Право выступать от имени всего народа Таджикистана принадлежит только Президенту. Территория Таджикистана неделима и неприкосновенна. Таджикистан состоит из Горно-Бадахшанской автономной области, областей, городов, районов, поселков и сел. Государство обеспечивает суверенитет, независимость и территориальную целостность Таджикистана. Пропаганда и действия, направленные на разделение единства государства, запрещаются. Порядок образования и изменения административно-территориальных единиц регулирует ся конституционным законом.

Государственная власть осуществляется на основе ее разделения на законодательную, исполнительную и судебную.

Конституция Таджикистана обладает высшей юридической силой, ее нормы имеют прямое действие. Законы и другие правовые акты, противоречащие Конституции, не имеют юридической силы. Государство и все его органы, должностные лица, граждане и их объединения обязаны соблюдать и исполнять Конституцию и законы республики. Международно-правовые акты, признанные Таджикистаном, являются составной частью правовой системы республики.

В случае несоответствия законов республики признанным международно-правовым актам применяются нормы международно-правовых актов. Законы и признанные Таджикистаном международно-правовые акты вступают в силу после их официального опубликования.

другие природные ресурсы являются исключительной собственностью государства и государство гарантирует их эффективное их использование в интересах народа.

Права и свободы человека и гражданина регулируются и охраняются Конституцией, законами республики, признанными Таджикистаном международно-правовыми актами.

Права и свободы человека и гражданина осуществляются непосредственно. Они определяют цели, содержание и применение законов, деятельность законодательной, исполнительной и местной властей, органов местного самоуправления и обеспечиваются судебной властью.

Гражданином Таджикистана считается лицо, которое на день принятия Конституции является гражданином Республики Таджикистан. Принадлежность граждан Таджикистана к гражданству другого государства не допускается, за исключением случаев, законом и межгосударственными договорами Таджикистана.

Порядок приобретения и утраты гражданства определяется конституционным законом. Гражданин Таджикистана за пределами страны находится под защитой государства. Ни один гражданин республики не может быть выдан иностранному государству. Выдача преступника иностранному государству разрешается на основании двустороннего соглашения.

Таджикистан может предоставить политическое убежище иностранным гражданам, ставшим жертвами нарушения прав человека.

Все равны перед законом и судом. Государство гарантирует права и свободы каждого, независимо от его национальности, расы, пола, языка, вероисповедания, политических убеждений, образования, социального и имущественного положения.

Мужчины и женщины равноправны.

Каждый имеет право на жизнь.

Никто не может быть лишён жизни, кроме как по приговору суда за особо тяжкое преступление.

Неприкосновенность личности гарантируется государством, никто не может быть подвергнут пыткам, жестокости и бесчеловечному обращению. Принудительные медицинские и научные эксперименты над человеком запрещаются.

***Саидходжаева М.Н. – к.ф.н., старший преподаватель кафедры таджикского и русского языков, Каримов И. – студент 1 курса, специальности 250112***

# ДАСТАИ ДИС ДДТТ ҒОЛИБИ МУСОБИҚАИ ВИЛОЯТӢ ОИД БА ФУТБОЛ!



***Бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии вилоят мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ, аз ҷумла футбол ташкил ва баргузор гардида истодаанд.***

Аз 18-ум то 25-уми ноябр байни дастаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Суғд аз рӯи намуди варзиши футбол мусобиқа баргузор шуд, ки дар он дастаи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд бар ҳарифони худ дастболо гардида, ғолиби мусобиқа ва роҳхат ба даври ҷумҳуриявии бозиҳо гашт.

Дар мусобиқа дастаи ДИС ДДТТ се бозӣ баргузор намуд, ки онҳо бо натиҷаҳои зер анҷом ёфтанд:

1. ДИС ДДТТ – ДДҲБСТ – бо ҳисоби 4:3 (бо задани силсилаи ёздаҳметра);
2. ДИС ДДТТ – Коллеҷи тарбияи ҷисмонии ш. Бӯстон – бо ҳисоби 7:0
3. ДИС ДДТТ – Коллеҷи тибби ш. Хуҷанд – бо ҳисоби 3:1

Ҳамин тариқ, дастаи футболбозони ДИС ДДТТ бо роҳбарии устоди варзиш Абдураҳмон Саидхоҷаев дар ҳамаи бозиҳо ҳарифонро шикаст дода, ғолиби мусобиқа ва роҳхат ба даври ҷумҳуриявии бозиҳо гардид.

Ғолибияти дастаи Донишкадаро ба ҳамаи устодон, донишҷӯён ва кормандони муассиса табрику таҳният менамоем.

# ПАРЧАМАТ БОДО ПАРАФШОН, ТОҶИКИСТОНИ АЗИЗ!



***Бахшида ба Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамасола 24-уми моҳи ноябр таҷлил мегардад, дар гуруҳи 250105а курси якуми факултети иқтисодиёт ва технологияҳои инноватсионӣ таҳти унвони «Парчамат бодо парафшон, Тоҷикистони азиз!» дарси кушоди тарбиявӣ баргузор гардид.***

Сарпарасти гурӯҳ н.и.ф., муаллимаи калон Сидиқова Г.Н. дарсро оғоз намуда, оид ба арзиш ва муқаддасоти миллӣ, хусусан Парчами давлатӣ ба донишҷӯён маълумоти муфассал ироа намуд. Сипас, аз ҷониби донишҷӯёни гурӯҳ бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ муаррифии Парчами давлатӣ тариқи рӯнамо (презентатсия) намоиш дода шуда, шеъру сурудҳо ва гуфторҳои арзишманд дар васфи Парчами давлатӣ баён карда шуд.

Дар дарс муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонон н.и.ф., дотсент Аҳророва Г. У., декани факултети иқтисодиёт ва технологияҳои инноватсионӣ н.и.и., дотсент Шарипов М.У., мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ н.и.ф., дотсент Исмоилова И.О. ва н.и.ф. Калонова М.Ё. иштирок намуда, дар фарҷоми он андешаҳои хешро оид ба мазмуну муҳтавои дарс иброз доштанд. Қайд карда шуд, ки дарс дар фазои озод, бо фарогирии мазмуни пурра ва пурмуҳтаво, муҳокимарониҳои судманд ва фаъолнокии донишҷӯён баргузор гардида, дар ғанӣ гардонидани донишҳои сиёсӣ, махсусан оид ба Парчами давлатӣ ба онҳо мусоидат намуд.

Ҳамин тариқ, дарси мазкур дар фазои озоду илмӣ ва адабию тарбиявӣ баргузор гардида, бо натиҷабардорӣ аз маърузаву рӯнамо ва андешаҳои зикргашта ба анҷом расид.

# МУЛОҚОТИ ДОНИШҶӮЁН БО ХАТМКАРДАГОНИ МУВАФФАҚ

***Бо иштироки Қаҳҳорзода Бахтиёр Қаҳҳор, Исломи Муҳаммадшариф, Зиёваддинов Раҳмонхӯҷа, ки имрӯзҳо дар манотиқи гуногуни кишвар дар соҳаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кору фаъолият менамоянд, бо донишҷӯёни бахшҳои 1,2,3,4-уми ихтисосҳои ҳуқуқи иқтисодӣ, танзими ҳуқуқии молия ва қарз ва ҳуқуқи байналхалқии тиҷоратӣ мулоқот баргузор гардид.***



Мавриди зикр аст, ки айни замон Қаҳҳорзода Бахтиёр Қаҳҳор дар вазифаи сардори шуъбачаи тафтишоти ШВКД ҶТ дар ноҳияи Ҷ. Расулов катипани милиса, Исломи Муҳаммадшариф дар вазифаи корманди кофтукови ҷиноятӣ дар ноҳияи Ҷ. Расулов ва Зиёваддинов Раҳмонхӯҷа дар вазифаи корманди хадамоти шиносномадиҳӣ дар шаҳри Хуҷанд фаъолият менамоянд ва мулоқоти онҳо бо донишҷӯён ва ибрози таассуроташон оид ба таҳсил дар донишкада шавқу рағбати донишҷӯёнро ба касби интихобкарда дучанд афзуд.

Дар баромадҳои худ хатмкардагон ба донишҷӯён оид ба давраи донишҷӯиашон сухан ронда, вобаста ба дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ доштан, риояи қонунҳо, ҳуқуқҳо, озодиҳо, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор буданро таъкид намуда, тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрванд бояд мутаалliқи миллат, давлатии соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва муқаддасии ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрвандро, таъкид доштанд.

# ҚОИДАҲОИ ИМЛОИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

***(Идома аз шумораҳои гузашта)***

– ҳарфи аввали калимаи мухтасар ифодакунандаи номи пурраи мақомоти муайян, ташкилот ва ё санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: Донишгоҳ (ба ҷойи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), Феҳрист (ба ҷойи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ), Барнома (ба ҷойи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030) ва ғайра.

***Эзоҳ. Исмҳо дар ҳолатҳои зерин бо ҳарфи хурд навишта мешаванд:***

– исмҳои хоси шахс ҳангоми калимасозӣ: ҳофизшинос, бедилшинос, ҳофизшиносӣ, мавлавихонӣ, бедилхонӣ, сомонизодагон, рустамтаборон ва ғайра;

– исмҳои хоси шахс ҳамчун симо дар шакли ҷамъ: одинаҳо, шоҳмуродҳо, раҳимзодаҳо, спитаменҳо ва ғайра.

– номи мансабҳо, дараҷа ва унвонҳои илмӣ, рутбаҳо (-и тахассусӣ, давлатӣ ва ҳарбӣ): вазир, раис, роҳбар, ректор, директор, муовин, сардор, декан, номзади илм, доктори илм, дотсент, профессор, академик, генерал ва ғайра;

– номи факултету кафедраҳо, шуъба, дигар воҳидҳои сохторӣ ва монанди инҳо: факултети ҳуқуқшиносӣ, кафедраи забони тоҷикӣ, шуъбаи илмҳои биология ва тиб, шуъбаи танзими истилоҳот ва ғайра.

***6. ИМЛОИ СИФАТ***

***24. Якҷо навишта мешаванд:***

– пешвандҳои сифатсози ба-, бар-, бе-, бо-, но-, то-: бомаърифат, бофаросат, бомаслиҳат, баркамол, бебунёд, бамеҳр, нооором, ношинос, тоалифбо ва ғайра;

– сифатҳое, ки аз калима ё ибораҳои исмӣ (ҳамроҳӣ, изофӣ, пешояндӣ) бо пасвандҳои -а, -ӣ (-гӣ, -вӣ) сохта шудаанд: панҷсола, умумихалқӣ, байналмилалӣ, хонагӣ, дунявӣ ва ғайра;

– сифатҳои мураккаби навъи пири барнодил, шахси некандеш, шахси бадхашм, коргари пешқадам ва ғайра;

– сифатҳое, ки аз такрори калима ва миёнвандҳои -ба-, -дар- иборатанд: ҷанги танбатан, суҳбати рӯбарӯ, овораи дарбадар, такрори пайдарпай ва ғайра;

– сифатҳое, ки аз шумора (бо ҳарф) ва исм бо пасвандҳои -а, -ӣ (-гӣ) сохта шудаанд: санги панҷоҳграма, нигини панҷкарата, роҳи даҳкилометра, камони думила, дарвозаи дутабақа, хонаи дуҳуҷрагӣ ва ғайра;

– сифатҳое, ки аз шумораи миқдории таркибӣ ва исми ченаку андоза бо пасванди -ӣ (-гӣ) сохта шудаанд: вазни чорсаду панҷоҳкилоӣ, сангҳои бисту панҷкилоӣ ва ғайра;

– сифатҳое, ки аз номи шахсиятҳо (исмҳои хос) таркиб ёфтаанд: рӯдакивор, саъдисифат, бедилӣ, лайливаш, маҷнунсон ва ғайра.

***25. Ҷудо навишта мешаванд:***

– сифатҳои таркибие, ки бо пайвандаки -у (-ю, -ву) сохта шудаанд: гулҳои сурху сафед, суханҳои пасту баланд, хешовандони дуру наздик, марғзори сабзу хуррам, масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ, корҳои илмию таҳқиқотӣ ва ғайра;

– сифатҳои ҷуфте, ки бо пешвандҳои ба-, бо-, бе- ва пешвандгунаҳои сер-, пур-, хуш- ва пайвандаки -у сохта шудаанд: бамеҳру муҳаббат, боақлу фаросат, бедолу дарахт, сершоху барг, пурнозу неъмат, хушобу ҳаво, банангу номус ва ғайра;

– сифатҳои таъкидии навъи сурхи сурх, зарди зард, сафеди сафед ва ғайра.

***26. Бо нимтире навишта мешаванд:***

– сифатҳое, ки аз такрори калима сохта шудаанд: коғази рах-рах, мӯйҳои тор-тор, дили реш-реш ва ғайра;

– сифатҳое, ки аз шумора (бо рақам) ва исм бо пасвандҳои -а -ӣ (-гӣ) сохта шудаанд: санги 50-грама, нигини 5-карата, роҳи 10-километра, қалами 20-дирама, тангаи 50-дирама ва ғайра;

– сифатҳои таъкидии навъи заб-зард, каб-кабуд, сап-сафед, тип-торик ва ғайра.

***7. ИМЛОИ ШУМОРА***

***27. Якҷо навишта мешаванд:***

– пасвандҳои шумораи тартибӣ -ум (-юм), -умин (-юмин) бо шумораҳои сода ва ҷузъи охири шумораҳои таркибӣ: сеюм, шашум, сиюм, сеюмин, панҷум, панҷумин, даҳум, даҳумин, шасту сеюмин, як ҳазору як саду панҷоҳумин ва ғайра;

– шумораҳои мураккаби аз ёздаҳ то нуздаҳ ва аз дусад то нуҳсад: дувоздаҳ, сездаҳ, шонздаҳ, ҳаждаҳ, сесад, шашсад ва ғайра;

– шумораҳои касрӣ: сеяк, чоряк, шашяк, даҳяк ва ғайра;

– нумеративи -то бо шумораи миқдории бо ҳарф навишташуда: дуто, сето, даҳто, садто, ҳазорто ва ғайра.

***(Давом дорад...)***

ИҚТИСОД ВА ТИҶОРАТ

МУАССИС:
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, х. Исмоили Сомонӣ 169, тел: (83422) 6-03-21

Сармушовир Абдулмаҷиди БОБОҶОНИЁН

Муҳаррир Нӯъмон РАҶАБЗОДА

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ҳомид ҲОШИМЗОДА, Шӯҳратҷон МАШОКИРОВ, Инъомҷон АМИНОВ, Далерҷон МИРПОЧОЕВ, Гулчеҳра АҲРОРОВА, Маъруф ҲАКИМЗОДА, Нодирҷон ҶАЛОЛОВ, Зокирҷон ШАРИПОВ, Галина КОМАРОВА, Абдумавлон АЗИМОВ

Веростор: КОМРОН

Ҳайати эҷодӣ:
Саидқосим Мухторов, Фаррух Камолов, Тоҳирҷон Салимов, Каёнуш Калонов, Саидориф Бурҳонов, Файзалӣ Қурбонов

Нишонии идора: шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 169 тел: (83422)-6-18-60

Дастхатҳо ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд

Моҳвора дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №297/РЗ-97 аз 21.06.22 сабти ном шудааст

Нашрия дар ҶСК "Набӣ Фахрӣ" чоп шудааст.

Фармоиши №____ Теъдоди н.

